# ПРОТОКОЛИ № 4
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-092

аз 24 апрели соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд тасдиқгардида 15 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи "Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи "Унвону-л-баён"-и Абдуллоҳи Шабровӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Зиёев И.Ғ ва аъзои комиссия Маҳмадҷонова М.Т., Нурулҳақ Қамар оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи "Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи "Унвону-л-баён"-и Абдуллоҳи Шабровӣ" ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи "Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи "Унвону-л-баён"-и Абдуллоҳи Шабровӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда.

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи "Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи "Унвону-л-баён"-и Абдуллоҳи Шабровӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Умедов Мастон Ҳамдамович - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Ҳасанова Зебинисо Абдулатифовна – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад:

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 03 июли 2025, соати 15⁰⁰ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 15 нафар, муқобил нест, бетараф нест. **Якдилона қабул карда шуд..**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Саид Н.С.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа** **Ҳаитов Ф.Қ.**